# РУШДИ САЙЁҲӢ

Дар моҳҳои январ- марти соли 2020 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, бо назардошти ҳама намудҳои мақсади сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 296,1 ҳаз.нафарро[1] ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 81,3 ҳазор нафар ё 37,8 фоиз зиёд шудааст.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 288,4 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба 42,1 фоиз зиёд шудааст.




Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давлатҳои ИДМ ворид шудаанд, 284,7 ҳаз. нафар (96,1 фоиз аз шумораи умумӣ), аз давлатҳои хориҷи дур 11,4 ҳаз.нафар (мутаносибан 3,9 фоиз аз шумораи умумӣ).




Дар ин давра шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷумҳурӣ хуруҷ шудаанд, 638,3 ҳаз. нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 214,3 ҳазор нафар ё 50,5 фоиз зиёд шудааст.

**Динамикаи шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд ва шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ба хориҷ сафар намудаанд**
(ҳаз.нафар)




**Динамикаи шаҳрвандони хориҷии вурудшуда, ҳаз. нафар**




---

[1] Ба шумораи умумии шаҳрвандони вурудшуда ва аз ҷумҳурӣ хуруҷшуда, як ашхос метавонад чанд маротиба ба қайд гирифта шуда бошад, бо назардошти он, ки дар ин давра аз як маротиба зиёд вуруд ё хуруҷ шудааст ва ин ҳолат ҳамчун мавриди алоҳида бақайд гирифта мешавад.

**Шумораи шаҳрвандоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои хориҷи наздик ворид шудаанд, дар моҳҳои январ - марти соли** 2020



Миқдори зиёди шаҳрвандони хориҷии ба ҷумҳурӣ воридшуда, аз давлатҳои хориҷи наздик зерин мебошанд: Ӯзбекистон – 197,3 ҳазор нафар (69,3 фоиз аз шумораи умумии воридшудагон), Русия – 43,2 ҳазор нафар (15,2 фоиз), Қирғизистон – 37,1 ҳазор нафар (13,0 фоиз), Қазоқистон – 4,7 ҳазор нафар (1,7 фоиз).

| | | | |
|---|---|---|---|
|  | Арманистон – 0,01 ҳазор нафар |  | Қирғизистон – 37,1 ҳазор нафар |
|  | Беларус – 0,5 ҳазор нафар |  | Украина – 0,6 ҳазор нафар |
|  | Молдова – 0,4 ҳазор нафар |  | Ӯзбекистон – 197,3 ҳазор нафар |
|  | Озарбойҷон – 0,2 ҳазор нафар |  | Русия – 43,2 ҳазор нафар |
|  | Қазоқистон – 4,7 ҳазор нафар |  | Туркменистон – 0,7 ҳазор нафар |

**Шумораи шаҳрвандоне, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мамлакатҳои хориҷи дур ворид шудаанд, дар моҳҳои январ - марти соли 2020**

Миқдори зиёди воридшудагон аз давлатҳои зерини хориҷи дур мебошанд: Афғонистон – 3,0 ҳазор нафар (26,3 фоиз), Чин – 1,2 ҳазор нафар (10,7 фоиз), Туркия – 0,9 ҳазор нафар (7,9 фоиз), ИМА – 0,5 ҳазор нафар (4,4 фоиз), Эрон – 0,4 ҳазор нафар (3,5 фоиз), Ҳиндустон ва Олмон – 0,3 ҳазор нафарӣ (2,6 фоизӣ), Британия Кабир, Покистон ва Ҷумҳурии Корея – 0,2 ҳазор нафарӣ (1,8 фоизӣ) ва аз дигар давлатҳо – 4,2 ҳазор нафар (36,8 фоиз).

## ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар моҳҳои январ - декабри соли 2019-ум дар миқёси мамлакат 161 ширкатҳои сайёҳӣ фаъолият намуда ба сайёҳон хизмат расониданд, ки нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2018-ум 15 адад зиёд аст. Мавриди зикр аст, ки аксарият сайёҳони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ бе назардошти пешниҳоди хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ ворид мегарданд.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2019 дар ҷумҳурӣ 184 меҳмонхона (бо назардошти шахсони воқеӣ), 5 меҳмонхонаи 5 ситорадор, 16 меҳмонхонаи 4 ситорадор, 24 меҳмонхонаи 3 ситорадор, 7 мехмонхонаи 2 ситорадор, 1 меҳмонхонаи дараҷаи якум ва 131 меҳмонхонаи бедараҷа фаъолият кардаанд.

Дар давраи ҳисобот 26 адад хостелҳо ва мотелҳо, 44 адад осоишгоҳҳо, 9 адад марказҳои муолиҷавӣ ва дармонгоҳҳои солимгардонӣ, 9 адад хонаҳои истироҳатӣ, 1 адад пансионат, 1 адад кемпинг ва 3 адад базаҳои сайёҳӣ ва истироҳатӣ фаъолият намуданд.

Шумораи миёнаи кормандони субъектҳои хизматрасонӣ 4684 нафар ва даромад аз пешниҳоди хизматрасонӣ 2318,3 ҳазор сомониро ташкил дод.